**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба рисолаи илмии Муҳаммадқодири Наҷмуддин «Масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ, аз рӯи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ.**

Дар муқаддимаи рисола тибқи муқаррароти расмӣ мубрамияти мавзуъ асоснок карда шудааст, ки мо бо он комилан розием. Дараҷаи омӯзиши назариявии мавзуъ ва манбаи сарчашмашиносии он ба талаботи меъёрӣ мувофиқат мекунад.

Имруз яке аз масъалаҳое, ки дар ҷомеа боиси нигаронӣ гардидааст ин ҳукмронии шуури оммавии динӣ бар афкори иҷтимоӣ мебошад. Маълум аст, ки дар қатори дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, дин низ танҳо як шакли он ба ҳисоб рафта, дар ҷомеа мақом ва мавқеи баробар бо дигар шаклҳои шуури ҷамъиятиро соҳиб аст. Зеро ҳар як шакли шуури ҷамъиятӣ, аз қабили илм, сиёсат, иқтисод, дин, техника ва ғайра дар ҷомеа мақом ва мавқеи худро дорад. Онҳо дар ҷомеа ҳамчунин вазифаҳои муайянеро иҷро намуда, хусусиятҳои хосро доро мебошанд, ки якеро аз дигаре фарқ мекунонанд. Аммо ҳамаи шаклҳои шуури ҷамъиятӣ дар раванди эволюционӣ қарор доранд, ба ғайр аз шуури динӣ. Аз ҳамин сабаб сарчашмаи зуҳури ифротгароӣ ва терроризм шуури оммавии динӣ ба ҳисоб меравад. Сабаби асосии интиқоли фарҳанги бегона низ, ки реша дар асриҳои миёна дорад, маҳз шуури динии омавӣ ба ҳисоб меравад. Маҳз интиқоли он, аз як тараф, аз замони гузашта ба замони муосир, ки ҷавобгар ба ниёзҳои замони нав нест ва аз тарафи дигар, аз макони аз ҷиҳати фарҳангӣ ба андешаҳои миллии мо бегона, боиси он мешавад, ки суботи ҷомеаро халалдор гардонад. Барои ҳамин лозим аст, ки дини ислом бояд ба системаи фарҳангӣ ва таълимии миллӣ мутобиқ шавад. Аз ин рӯ лозим аст, ки на исломи оммавӣ, балки

таълимоти исломие, ки мутафаккирони гузаштаи мо онро бо фалсафа ҳамоҳанг карда, ба андешаи миллӣ мувофиқ намуданд, бояд мавриди омӯзиш қарор гирад.

Рисолаи Муҳаммадқодири Наҷмуддин аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва руйхати адабиёт иборат мебошад. Боби 1. “Асосҳои назариявӣ-методологии омӯзиши масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ” аз се зербоб иборат буда, дар он масъалаҳои назариявӣ-методологӣ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд. Аз ҷумла: масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар ҷомеаи муосир; алоқамандии давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ; масъалаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии таҳсилоти динӣ дар ҷомеи Тоҷикистон ва ғ.

Диссертант, дар боби мазкур, муассисаҳои таълимии динии Ғарбро бо макотиби динии Шарқ, аз ҷумла Тоҷикистон, муқоса намуда, қайд мекунад, ки дар Ғарб шумораи донишҷуён дар чунин мактабҳо, дар нисбати Тоҷикистон, ба маротиб кам аст. Сабаби таваҷӯҳи зиёд доштани донишҷӯёнро ба макотиби динӣ дар Тоҷикистон, диссертант, дар мақоми баланд доштани рӯҳониён дар ҷамъият, мебинад. Аммо, муаллифи рисола, масъалаи зарурати вуҷуди руҳониёни касбии дорои маълумоти олиро дар ҷомеаи муосир баррасӣ намекунад. Гарчанде тафриқа дар ҷомеа маҳз аз ҳамин ҷо оғоз меёбад. Ин гуна руҳониён дар ҷомеа худро аз дигар афрод бартар ҳисобида, кушиш мекунанд, ки зимоми ҷомеа дар ихтиёри онҳо бошад, ҳарчанд худи муаллифи рисола, ба фаъолияти чунин афрод, назари манфӣ дорад. Диссертант ба маврид қайд мекунад, ки: “Намояндагони бонуфузи динӣ тавассути маорифи динӣ ба тафаккури динии аҳолӣ таъсир мерасонанд ва ин зуҳурот то ҳол ба мушоҳида мерасад. Дар шуури омма чунин қолиби фикрӣ мустаҳкам аст, ки бузургони динӣ таълимоти диниро дуруст шарҳ медиҳанд ва ба тафсирҳои онҳо эътимод доранд” (саҳ.42).

Дар боби мазкур, инчунин, масъала оид ба муносибати давлати дунявӣ бо дин баррасӣ мегардад. Муаллиф байни онҳо зиддиятро намебинад. Қайд мекунад, ки дин дар давлати дунявӣ озодона амал менамояд. Диссертант чор намуди секуляризмро қайд намуда, онҳоро шарҳ медиҳад.

Зуҳуроти ифротгароиро дар мамолики мусулмон, муаллифи рисола, дар маҳдудиятҳои ҷаҳонбинӣ ва тафаккури куҳнапарастии диндорон медонад, ки дар ин маврид мо бо диссертант комилан мувофиқем. Аз ҷумла қайд мекунад, ки "вазъи қафомонии илм ва техника ба гурӯҳҳои ифротгаро имконият медиҳад, ки дар ин гуна ҷомеаҳо ихтилофот ва зиддиятҳои иҷтимоиро шиддат бахшида, аз эътиқоди динии шаҳрвандон барои амалӣ намудани ҳадафҳои ғаразноки хеш васеъ истифода баранд" (саҳ.65).

Дар боби мазкур, муаллифи рисолаи илмӣ, ҷанбаҳои ҳуқуқии- меъёрии таҳсилоти диниро дар Тоҷикистон арзёбӣ мекунад. Ба андешаи ӯ "Шароити нави рушди ҷомеа ва хатарҳои раванди ҷаҳонишавӣ аз мо талаб менамоянд, ки рӯҳониёни динӣ бояд дар рӯҳияи худшиносии миллӣ, ҳифзи фарҳанг ва ҳувияти миллӣ, ҷаҳонбинии илмӣ, тафаккури техникӣ ва арзишҳои дунявӣ омода карда шаванд"(саҳ.94). Аммо чигуна бояд ин раванд амалӣ шавад, дар диссертатсия, аз тарафи муаллиф, пешниҳоде намешавад. Бинбар ин, ба андешаи мо, дар диссертатсия боб, ё зербоби алоҳидае оид ба таҳсилоти динӣ дар руҳияи арзишҳои миллӣ бояд ҷо дода мешуд.

Дар боби дуюми рисола "Хусусиятҳо ва тамоюлҳои таҳсилоти динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" чунин масъалаҳо мавриди таҳлил қарор гирифтаанд: таносуби давлати дунявӣ ва ҷомеаи динӣ дар сохтори иҷтимоии Тоҷикистон; масъалаҳои марбут ба таҳсилоти динӣ Тоҷикистони муосир; таҳлили андешаҳои иҷтимоӣ доир ба таҳсилоти динӣ; масъалаи ифротгароии динӣ дар Тоҷикистон.

Диссертант, дар бораи шакли дунявиятӣ замони шуравӣ ва қобили қабул набудани он дар Тоҷикистони муосир андешаронӣ намуда, аз ҷумла чунин ақидаро баён медорад, ки мо низ бо он мувофиқем: "дунявияти шуравӣ дар шуури омма накш дорад, аммо ин гуна дунявият ба инкори дин ҳамчун арзиши фарҳангӣ нигаронида шудааст ва барои робитаи дин ва дунявият мусоидат карда наметавонад. Бояд дар байни арзишҳои дунявӣ барои арзишҳои динӣ ҷой ҷудо карда шавад ва ин арзишҳо бо ҳам мувофиқат карда тавонанд" (саҳ.121). Дунявияти шуравӣ, ки бо динзудоӣ тавъам буд, ҳаргиз наметавонад, ки дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ҷойи

худро пайдо кунад. Бо ифротгарой ва ҷаҳолати динӣ бояд тавассути афкори пешқадами динӣ, тавассути таълимоти мутафаккирони гузашта мубориза бурд. Диссертант барои бунёди давлати воқеан демократӣ, ҳамкории давлат ва дин амлӣ намудани як чанд тадбирро пешниҳод менамояд, ки яке аз онҳо "ташкили шароитҳои зарурӣ барои рушди демократия, фаъолияти институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва расонаҳои озод" мебошад. Чунин пешниҳод воқеан ҳам зарурӣ ва қобили дастгирӣ мебошад. Инчунин дар боби мазкури диссертатсия, муаллиф ба фаъолияти таҳсилоти динии солҳои охири Тоҷикистони шуравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол баҳои манфӣ медиҳад. Ҳамаи нобасомониҳои иҷтимоӣ ва хусусан ҷанги шаҳрвандӣ, ба ақидаи муаллиф, маҳсули тафаккури ходимони динӣ ва мактабҳои хусусии онҳо мебошанд. Ба андешаи муаллиф барои беҳтар намудани вазъи таҳсилоти динӣ ва мутобиқ намудани дин ба меъёрҳои давлати дунявӣ дар системаи таҳсилоти динӣ бояд илмҳои дунявӣ ҷорӣ гарданд.

Дар ин боб диссертант натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологиро, ки дар мавзӯҳои гуногун байни минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон гузаронида шудааст, мавриди таҳлил қаро додааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар кори илмӣ инчунин баъзе норасоиҳо низ мавҷуданд, ки аз инҳо иборат мебошанд:

1. Дар диссертатсия иқтибосҳо хело зиёд истифода шуда, диссертант дар баъзе маврид ба таҳлилу тавсифи онҳо машғул шуда, аз ҳадафи аслӣ дур мемонад. Чунин амал қиммати диссертатсияро, ҳамчун кори илмӣ, паст мекунад. Инчунин услуби нигориши рисола дар бештари маврид ба худ хусусияти публисистиро мегирад.
2. Дар диссертатсия чунин масъалаи муҳим мавриди баррасӣ қарор нагрифтааст: таҳсилоти динӣ бояд бо дини дар тафаккури омма ҳукмрон, иртибот дошта бошад, ё бо он таълимоти диние, ки мутафаккирони гузаша онро бо фалсафа ҳамоҳанг намуда буданд.
3. Масъалаи дигаре, ки мебояд дар диссертатсия баррасӣ мешуд ин аст, ки оё ҷомеаи муосир ниёз ба таҳсилоти тахассусии динӣ дин дорад ё не? Зеро маҳз муллоҳои соҳибихтисос дар ҷамъият, бо такя бар

шуури оммавии динӣ, худро аз дигар афроди ҷамъиятӣ болотар ҳисобида, дар он тафриқаро эҷод мекунанд.

4. Дар бисёр маврид, диссертант проблемаи иҷтимоиро нишон медиҳад, аммо роҳи ҳалли онро баррасӣ намекунад. Масалан, дар бораи модернизатсияи шуури динии аҳолии Тоҷикистон ва такмили низоми таҳсилоти динӣ сухан меронад, аммо дар бораи роҳҳо ва усулҳои модернизатсияи шуури афроди иҷтимоъ ва такмили низоми таҳсилот таҳлили амиқ надорад.
5. Дар баъзе маврид, муаллифи рисолаи илмӣ, кушиш мекунад, ки таълимоти ҳанафия (шариат ва фиқҳро)-ро бо хусусиятҳои давлати дунявӣ ва бо арзишҳои миллӣ ба таври сунъӣ созиш диҳад, ки ин амал он қадар ба ҳақиқат рост намеояд. Зеро ҳарду, чи аз ҷиҳати замони пайдоиш ва чи аз лиҳози макони пайдоиши худ, на бо давлати дунявӣ ва на бо арзишҳои миллӣ ҳамоҳанг шуда на метавонанд.
6. Ҳарчанд муаллифи диссертация дар муқобили динмарказӣ мавқеи гирифта бошад ҳам, аммо дар ибтидои зербоби дуюми боби 2, диссертант, аз тадқиқотҳои муҳақиқони ватанӣ, доир ба фаъолияти ходимони динӣ, иқтибосҳоеро бидуни назарияи интиқодӣ меорад ва бо ин роҳ гуё ҳамфикрии худро бо муаллифон ин тадқиқотҳо, ки аз тавсифи муллоҳо иборатанд, иброз медорад. Бинобар ин, ба муаллиф зарур буд, ки ё ин иқтибосҳоро намеоварда, ё ин ки назарияи интиқодиро дар нисбати онҳо баён медошт.

Аммо ин камбудиҳо мазмуни диссертатсияро, ҳамчун кори мукаммали илмӣ, паст намекунанд. Бештарашон хусусияти тавсиявӣ дошта, барои анҷоми таҳқиқоти оянда мусоидат карда, муҳтавои таҳқиқоти мазкурро арзишманд менамоянд.

Хулоса, диссертатсияи Муҳаммадқодири Наҷмуддин «Масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» кори мустақили илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Муҳаммадқодири Наҷмуддин муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии унвонҷӯӣ гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертатсияи Муҳаммадқодири Наҷмуддин «Масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мебошад.

**Муқарризи расмӣ,**
**доктори илмҳои фалсафа,**
**профессори кафедраи фалсафа**
**ва сиёсатшиносии**
**ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода** **Ш.Х. Карамхудоев**

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Муҳаммадиев, 16/7, ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода, тел. (992) 93-713-03-72
E-mail: shukratk@mail.ru

Имзои доктори илмҳои фалсафа, профессор Ш.Х. Карамхудоевро тасдиқ менамоям.

**Сардори ШК ва корҳои махсуси**
**ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода** **Юсупова Б.Ғ.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

20.02.2024